*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №55 (2882) | ҶУМЪА, 4 МАЙИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Сӯҳбат бо Дидйе Рейндерс ва Питер де Крим



**Чоруми майи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон муовини Сарвазир - вазири корҳои хориҷии Шоҳигарии Белгия Дидйе Рейндерс ва вазири мудофиаи ин кишвар Питер де Кримро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба муносиботи дӯстона ва ҳамкории судбахши ду кишвар баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба се ҷанбаи ҳамкорӣ – ҳамгирой барои барқарорсозии суботу эътидол дар Афғонистон, рушди ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ ва густариши робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Белгия равона гардид.

- Мо Белгияро яке аз шариконии муҳими худ дар Иттиҳоди Аврупо медонем, - изҳор дошт Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Муовини Сарвазир - вазири корҳои хориҷии Шоҳигарии Белгия Дидйе Рейндерс густариши муносиботро бо Тоҷикистон бисёр муҳим номида, аз номи ҳукумати кишвараш аз Сарвари давлати мо Эмомалӣ Раҳмон даъват намуд, ки ба Брюссел бо сафари расмӣ ташриф биоварад.

Ба роҳбарият ва мардуми Тоҷикистон барои мусоидати фаъол ба неруҳои посдори сулҳ дар Афғонистон изҳори сипос карда шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба густариши ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Белгия, аз ҷумла татбиқи амалии санадҳое, ки моҳи феврали соли 2009 зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Брюссел ба имзо расида буданд, зоҳир карда шуд.

Ташкил ва густариши ҳамкории васеи иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, бо назардошти бозори кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, дорои дурнамои судбахш барои ҳар ду ҷониб номида шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба рушди ҳамгирой дар таъмини амнияту суботи минтақавӣ ва мубориза бо хатарҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму ифротгарой ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Пазироии гурӯҳи вакилони Парламенти Аврупо

**Чоруми майи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи вакилони Парлумони Аврупо доир ба кор бо кишварҳои Осиёи Марказиро бо сарварии раиси гурӯҳи мазкур Паоло Бартолоззи ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба ҳамкории Тоҷикистон бо Парламент ва дигар сохторҳои Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуд.

Кори босамари Кумитаи ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо, ки соли гузашта таъсис ёфта буд ва баргузоршавии ҷаласаи дуюми он дар шаҳри Душанбе нишонаи тавсиаи робитаҳои судбахши ду ҷониб арзёбӣ гардид.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки Кумитаи ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо боз як сохтори нави ҳамкорӣ буда, дар қатори Шӯрои ҳамкории миёни Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо ва дигар сохторҳо дар таҳким ва тавсиаи муносиботи судманди ду ҷониб нақши намоён хоҳад гузошт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки «муносибот бо Иттиҳоди Аврупо дар миёни афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми хос дорад».

Гуфтугӯйи судманд доир ба ҳамкории сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ сурат гирифт.

Густариши ҳамкорӣ доир ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократия ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз мавзӯъҳои муҳими сӯҳбат буд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба вусъати дастгирии моддию техникии соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳамчунин ҳамкории иқтисодию сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ ва ғайра бо ҷалби бахши хусусӣ зоҳир карда шуд.

Бо назардошти талаботи рӯзафзуни Афғонистону Покистон ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба неруи барқ ва маҳсулоти гуногуни дигар таъкид гардид, ки иштирок дар фаъол намудани имкону захираҳои фаровони Тоҷикистон ба ҳар як сармоягузор манфиати зиёд меорад.

Ҳамчунин доир ба дастгирии сохторҳои қудратии Тоҷикистон, аз ҷумла неруҳои сарҳадӣ барои пурзӯр намудани ҳифзи сарҳади давлатӣ бо Афғонистон ва мубориза бо терроризму ифротгарой ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир табодули назар карда шуд.

*www.prezident.tj*



Суратгир А. ИСОЕВ

## Мулоқоти Маҳмадсаид Убайдуллоев бо вакилони Парламенти Аврупо

**Чоруми майи соли 2012 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ҳайати бонуфузи парламентии Парламенти Аврупоро, ки таҳти сарварии Паоло Бартолоззи ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**

Дар ҷараёни мулоқот Маҳмадсаид Убайдуллоев ташрифи кории ҳайати воломақомро дар доираи ҳамкориҳои Маҷлиси миллӣ ва Парламенти Аврупо зимни вохӯрии нахустини ҷонибҳо аз 29 сентябр то 4 октябри соли 2003, ки бо ибтикори ҳар ду парламентҳо ибтидо гирифтааст, фоли нек арзёбӣ намуда, саҳми Иттиҳоди Аврупо ва Парламенти онро дар татбиқи барномаҳои муштараки байнипарламентӣ ва давлатӣ, ки тақвияти тоза касб кардаанд, махсус таъкид сохт.

Зимнан, таваҷҷуҳи ҳайати парламентиро ҷиҳати густариши муносибатҳои ҷойдошта ба он нигаронид, ки дар марҳилаи кунунии робитаҳо тақвияти ҳамкориҳо дар самти рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва ҷалби инвеститсияҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо барои татбиқи барномаҳои мақсаднок оид ба пешбурди соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар, пеш аз ҳама лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ, пурзӯр намудани тадбирҳо мувофиқ ба мақсад мебошад. Аз он хотир, ки сармояи бевоситаи Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ҳамагӣ 30 фоизро ташкил медиҳад ва ҷавобгӯйи потенсиали ҷонибҳо нест, дар асл боиси бознигарист. Зеро заминаҳои ҳуқуқӣ ва иродаи мавҷудаи сиёсӣ аз ҷониби тарафҳо тақозо менамояд, ки ба сатҳи ҳамкориҳои мутақобилан судманд тавсеа дода шавад.

Раиси Маҷлиси миллӣ аз парламентарҳои аврупой хоҳиш намуд, ки дар ҷараёни боздиди хеш аз Тоҷикистон оид ба вазъи кунунӣ, пешрафти ҳаёти мамлакат дар асоси плюрализми сиёсӣ, эҳтиромгузорӣ ба арзишҳои демократӣ ва татбиқи барномаҳои созандаи кишвар оид ба бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ воқеияти ҳақиқиро таблиғ намоянд.

М. Убайдуллоев инчунин афзуд, ки бо мақсади таҳкими робитаву ҳамкориҳои байнипарламентӣ Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як зумра парламентҳои кишварҳои хориҷаи дуру наздик, аз ҷумла мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо -Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Фаронса, Руминия, Литва ва Латвия гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис додааст.

Ҳамзамон Маҳмадсаид Убайдуллоев масъалагузорӣ намуд, ки барои рушди муносибатҳои ҳасанаи байнипарламентӣ зарурати ташкили институти нави дорои неруи густариши набзи ҳамкориҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парламенти Аврупо мувофиқ ба мақсад мебошад.

Ҷаноби Паоло Бартолоззи аз масъалагузориҳои Раиси Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ намуда, бо қаноатмандӣ афзуд, ки пешниҳодоти ироагардида дар сатҳи мақоми ваколатдори Парламенти Аврупо баррасӣ гашта, ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳои созанда тамоми тадбирҳо амалӣ карда мешаванд.

Мулоқот дар фазои созанда ва ҳусни тафоҳум анҷом пазируфт.

***Ш.САИДОВ,***
***ёвари Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита бо воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои ғайридавлатӣ***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Шукурҷон Зуҳуров намояндагони Парламенти Аврупоро ба ҳузур пазируфт

**Чоруми майи соли равон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо ҳайати бонуфузи Парламенти Аврупо, ки ба кишвари мо бо сафари корӣ ташриф овардааст, мулоқот намуд.**

Ба ҳайат узви Фраксияи ҳизби мардумӣ Паоло Бартолоззи (роҳбари гурӯҳ), Никол Килл-Ниелсен, Алфред Рубикс, Герберт Дорфман, Марк Тарабела, Катарина Неведалова, Кармен Ромеро Лопес, Инес Аяала Сендер, Николо Риналди ва дигарон, ки ҳар яке аз кишварҳои гуногуни аврупой вакили Парламенти Аврупо ва масъули бахшҳои гуногуни парламентианд, шомил мебошанд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров меҳмонони олиқадрро хайра мақдам гуфта, изҳор дошт, ки бори аввал чунин ҳайати бонуфузи Парламенти Аврупо дар кишвари мо меҳмон мешавад. Мулоқоти имрӯза бемуболиға дар муносибатҳои дуҷониба давраи наверо ба вуҷуд хоҳад овард. Тоҷикистон ба ҳамкории миёни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои аъзои ин Иттиҳоди дар арсаи байналмилалӣ бонуфуз арзиши баландеро қоил аст. Ҳарчанд Созишномаи ҳамкорӣ ва шарикӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо танҳо 1 январи соли 2010 эътибор пайдо кард, мо метавонем бисёр мисолҳои ҳамкориеро пайдо кунем, ки ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини Истиқлолияти давлатии кишвари мо оғоз гардида буданд. Мо барои ёриву дастгирии ҷониби Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон, дар доираи лоиҳаҳои сершумори муштараки роҷеъ ба инкишофи демократия, волоияти қонун, муҳофизати сарҳадҳо, мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инкишофи нақлиёт ва энергетика, муҳофизати муҳити зист, аз минаҳо тоза кардани сарҳадҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва ғайра арзиши баландеро қоил ҳастем.

Эътибор пайдо намудани Созишномае, ки зикраш рафт, бешубҳа, ҷиҳати густариши бештари муносибати дуҷонибаи мо нақши арзишманд мебозад. Аз ҳама муҳимаш тайи ин ду сол сохтори он - Шӯрои ҳамкорӣ, Кумитаи байниҳукуматӣ ва Кумитаи ҳамкории байнипарламентӣ таъсис дода шуд.

Имрӯз дар ҷаласаи дуюми Кумита шумо ҳолати ҳамкориҳоро дар бисёр самтҳо арзёбӣ менамоед, ки рӯзномаи он хеле васеъ аст. Дар ин ҷаласа роҳбарони вазоратҳо ва муассисаҳои марбута даъват шудаанд, ки ин, бешубҳа, имконият медиҳад то сӯҳбатҳо бештар шайъиву воқеӣ сурат гиранд, мушкилоти мавҷуда ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳо пайдо карда шуда, тавсияҳо фавран дастраси иҷрокунандагон гардад.

Дар ҷаҳони муосир амалиёти асосӣ маълумот ба шумор меравад ва мо меҳоҳем, ки шумо ҳар чӣ бештар дар бораи кишвар ва мардуми мо, ҳадафҳои стратегии он тасаввуроти пурра ва воқеӣ дошта бошед ва дар тавсияҳои худ ба ин воқеиятҳо такя намоед. То ҷое ман огоҳ ҳастам, дирӯз шумо чандин мулоқотҳо баргузор кардед ва имрӯз низ дар барномаи шумо масъалаҳои зиёде ҷойгир гаштаанд. Пеш аз ҷаласа шумо бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот хоҳед намуд. Фикр мекунам барои сӯҳбати сермаҳсул ва қабули ҳуҷҷатҳо маълумоту маводи кофӣ доред. Мо боварӣ дорем, ки Форуми имрӯза ҳамчунин ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мушкиле, ки барои шумо маълум ҳастанд, хидмат мекунад. Зеро ҳайати шумо ба масъалаҳои ҳамкории Парламенти Аврупо бо ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ машғул мебошад.

Мо дар бораи кишвари худ ва минтақа як силсила мавод, рӯнамой ва филмеро роҷеъ ба ҳолати мушкилоте, ки мо онҳоро асоснок мешуморем, таҳия намудаем. Маълум аст, ки ҳар як кишвар рӯзномаи масъалаҳои миллии худро дорад. Ҳама дар он андешаанд, ки чӣ гуна таҳдидҳои навро пешгирӣ намоянд ва дар ин ҳолат қоидаи умумӣ вуҷуд дошта наметавонад. Он гуна, ки аз тариқи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла Евронюс ва Интернет огоҳӣ дорем, имрӯз дар баъзе кишварҳои Аврупо низ ҳолати ғайриоддии ҳам иқтисодӣ, ҳам иҷтимоӣ ҳукмфармост. Итминон дорем, ки Иттиҳоди Аврупо бо таҷрибаи бузургаш метавонад чунин мушкилотро бартараф намуда, ҷиҳати рафъи таҳдидҳо, ба монанди терроризм, хариду фурӯши одамон, ҷиноятҳои вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғайра корҳои зиёдеро анҷом диҳад.

Парламенти мо хеле ҷавон буда, ҳамчун парламенти дупалата соли 2000 таъсис ёфтааст. Аз ин лиҳоз, барои мо таҷрибаи дигар кишварҳое, ки парламентҳояшон чандин аср боз фаъолият менамоянд, хеле зарур аст. Мо талош дорем, ки чунин таҷрибаҳоро, бо назардошти хусусиёти миллиамон мавриди баҳрабардорӣ қарор бидиҳем.

Дар Маҷлиси намояндагон 26 гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо парламентҳои дигар кишварҳо таъсис дода шудааст, ки аз кишварҳои аврупой парламентҳои Белгия, Германия, Латвия, Литва, Финляндия, Полша ва Парламенти Аврупо дар он шуморанд.

Хусусияти кори мо қабули шумораи нисбатан зиёди қонунҳо мебошад, зеро ба мо лозим омад, ки баъди ба Истиқлолияти давлатӣ расидан асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии худро тақрибан аз нав ташкил диҳем.

Талаботи даврони гузариш ба хусусиёти қонунҳои дар солҳои 90-ум қабулкардашуда наметавонист таъсир нарасонад, дар онҳо нишонаҳои иқтисоди бозорӣ ва таъсири даврони сотсиалистиро дидан мумкин буд. Аммо вақт мегузарад ва тарзи зудтағйири ҳаёт, воқеияти нави иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамоянд, ки дар қонунгузорӣ таҷдиди назар, таҳриру такмил ворид карда шавад ё қонунҳо дар таҳрири нав қабул карда шаванд. Ин вазифаҳо ҳамчун яке аз самтҳои асосии ҷараёни қонунгузории мо ҳамеша дар мадди назар қарор доранд. Масалан, ҳоло гурӯҳҳои корӣ ҷиҳати таҳияву таҳрири нави кодексҳои манзил ва мурофиа таъсис дода шудаанд. Дар нақшаи қонунгузории имсола ҷиҳати ташкил намудани ҳамкориҳои хусусиву давлатӣ, батанзимдарории тафтиши субъектҳои хоҷагидор, муҳофизати давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ ворид гардидаанд. Дар Кодекси нави андоз, ки баъди се моҳ ба Маҷлиси намояндагон ворид хоҳад шуд, кам намудани миқдори андозҳо ва хеле содда намудани системаи андозбандӣ, ҳавасмандкунии андозсупорандагон ва дигар масъалаҳо дар назар дошта шудаанд. Дар иртибот ба ин мехостам дар доираи амалӣ намудани лоиҳаҳое, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо сарпарастӣ карда мешаванд ва бахши қонунгузорӣ низ ба он шомил аст, изҳори назар намоям. Қонунҳо дар бахши худидораи маҳаллӣ, баробарии гендерӣ, ислоҳоти мутаносибан ҷорӣ намудани моратория ба ҳукми қатл, механизми ҳуқуқии пешгирии шиканҷа дар ҳамин шуморанд.

Анъанаи дигари фаъолияти палатаи мо ҷалб намудани доираи ҳар чӣ бештари иштирокчиён дар амали қонунгузорӣ мебошад. Лоиҳаҳои қонунҳо ба баррасии аҳли ҷомеа ҳар чӣ бештар пешниҳод карда мешаванд. Дар ин даъват мо ба инкишофи таҷрибаи муҳокимаҳои парламентӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудем.

-Боварӣ дорам, ки ҷаласаи имрӯза на танҳо барои таҳкиму густариши равобити байнипарламентӣ ва дуҷонибаи мо саҳмгузор мешавад, балки барои кори Маҷлиси намояндагон низ бахши наву муфидро ворид мегардонад. Мулоқот бо ҳамкороне, ки халқҳояшон анъанаҳои бои парламентӣ доранд, таҷриба ва маълумоти вакилони моро ғанӣ мегардонад. Бори дигар шуморо хайра мақдам гуфта, дар баргузории ҷаласа барор ва бароятон саломативу тавфиқ орзумандам, -изҳор дошт Шукурҷон Зуҳуров.

Роҳбари ҳайати Парламенти Аврупо Паоло Бартолоззи, аз пазироии самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров изҳори сипос намуда, зикр кард, ки сафари мо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чунин ҳайат сафари нахустин буда, ҷиҳати густариши равобити миёни парламентҳо нақши муҳим хоҳад бозид. Гуфтугӯйи мо бо парламентҳо ҷиҳати ҳамкориҳои оянда шароити мусоидеро фароҳам хоҳад сохт. Иштироки кишвари шумо дар созмонҳои байнипарламентиву амнияти дастаҷамъӣ ба беҳдошти вазъи минтақа ва дунё мусоидат хоҳад намуд. Умедворам, ки сӯҳбатҳои мо барои наздикшавии Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон, густариши муносибатҳои байни парламентҳоямон заминаҳои наверо фароҳам хоҳад овард.

- Форуми имрӯза низ барои инкишофи муносибатҳо дар бахшҳои сиёсию иқтисодӣ нақши арзишманд хоҳад бозид. Дар ҷараёни Форум масъалаҳои истифодаи захираҳои энергетикӣ, ҳуқуқи инсон, ҳимояи қишрҳои аҳолии ниёзманд ва ғайра мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Парламенти Аврупо яке аз далелҳои равшани гуфтугӯйи ошкоро ва ҳақиқӣ мебошад. Ин созмон саъй менамояд, ки эҳтиёҷоти халқҳо ба назари эътибор гирифта шавад. Парламенти Аврупо шарики мӯътамад ва наздики Тоҷикистон аст, -изҳор намуд роҳбари гурӯҳи меҳмонон.

Дар мулоқот муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагон, роҳбари Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти Аврупо Амиршо Миралиев ва аъзои Гурӯҳи дӯстӣ иштирок доштанд.

***М.ҲОТАМОВ,***
***мудири котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Нақшаи чорабиниҳо тасдиқ гардид

Дар ҷамъомади кормандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 бармеоянд, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда ахбори прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Шерхони Одина ва ҳисоботи сардорони раёсату шӯъбаҳои Прокуратураи генералӣ, прокуророни вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон шунида шуд.

Дар ин замина дар асоси дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сиёсати ҳуқуқӣ, назорати иҷрои якхела ва риояи дақиқи қонунҳо, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини ҳифзи ҳуқуқии соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бармеоянд, Нақшаи чорабиниҳои Прокуратураи генералӣ оид ба иҷрои онҳо тасдиқ гардид.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# ГУЗОРИШ АЗ ҶАРАЁНИ ВОХӮРИИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН ДАР ШАҲРУ НАВОҲИИ ҶУМҲУРӢ

**Инак, чандест, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ сафар карда, бо интихобкунандагонашон ҷиҳати фаҳмондадиҳии нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯриву мулоқотҳо баргузор намуда истодаанд. Дар зер таври мухтасар мӯҳтавои чанде аз ин вохӯриҳоро пешкаши хонандагону муштариёни арҷманд менамоем.**

НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ. **Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назира Ғаффорова ва вакили Маҷлиси намояндагон Абдузафар Иномов бо интихобкунандагони худ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд силсилаи мулоқоту вохӯриҳо анҷом доданд.**

**Тибқи иттилои ҳадамоти матбуоти Маҷлиси намояндагон аз вилояти Суғд, мулоқоти намояндагони мардумӣ фарогири тамоми масъалаҳои хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маориф, илм, фарҳанг ва ғайраҳо буд.**

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагон дар суханронии худ дар бораи моҳияти асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 изҳори назар карда, таъкид дошт, ки Паёми имсолаи Сарвари давлатро, ки фарогири тамоми ҷанбаҳо мебошад, метавон ҳуҷҷати муҳим барои таъмини рушди нумӯи соҳаҳои гуногуни кишвар арзёбӣ кард. Зикр гардид, ки дар доираи қабули барномаҳои муҳими давлатӣ сол аз сол ва аз Паём то Паём сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба коҳиш ниҳодааст, ки ин раванд аз сиёсати дурусти пешгирифтаи Сарвари давлат дар ин замина ба шумор меравад. Дар доираи амалӣ намудани барномаҳои муҳими давлатии қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ аз 81 фоизи соли 1999 то 42 фоиз дар соли ҷорӣ паст фаромад. Ин гувоҳи он аст, ки роҳбарияти Давлату Ҳукумат дар ин самт талош варзида, тадбирҳои муҳиму саривақтиро андешидааст.

Дар мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагон ҳамчунин роҷеъ ба дигар паҳлуҳои Паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ изҳори назар карда шуд. Вобаста ба баланд гардидани маоши ҳадди ақал ва нафақа, ки аз Паёми имсолаи Сарвари давлат бармеояд, сӯҳбат намуда, муовини Раиси Маҷлиси намояндагон хотирнишон сохт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи зиндагӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар аз тамоми имконоти дар ихтиёрдоштааш истифода мекунад ва талош дорад, ки дар кӯтоҳтарин мӯҳлат мушкилоти мавҷударо ҳал намояд.

Вакилони Маҷлиси намояндагон ҳамчунин дар бораи имтиёзҳое, ки нисбат ба соҳибкорон аз ҷониби Сарвари давлат дар Паёми навбатиаш ба Маҷлиси Олӣ эълон гардид, маълумот доданд. Таъкид шуд, ки кам кардани шумораи андозҳо ва озод намудани таҷҳизоти муосири техникии воридшаванда аз ҳамаи намуди андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳибкорон ҳамеша дар мадди назар ва таваҷҷуҳи роҳбарияти олии мамлакат қарор доранд.

Мавзӯи дигаре, ки роҷеъ ба он изҳори назар намуданд, масъалаҳои марбут ба ҳаёту зиндагии ҷавонон буд. Вакилони Маҷлиси намояндагон таъкид доштанд, ки роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ояндаи онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Мо дастгирии Давлату Ҳукуматро, ки дар самти сиёсати ҷавонон пеш гирифтааст, ҳаррӯза эҳсос менамоем. Ҷалби ҷавонон ба омӯзиши илмҳои муосир, саҳм доштан дар рушду нумӯ ва сарсабзу хуррам намудани диёри азизи худ, роҳ надодан ба падидаҳои номатлуб, омӯзиши касбу ҳунар ва машғул шудан ба варзиш аз нуктаҳои дигари мулоқоти намояндагони мардумӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров буд.

Дар ҷараёни мулоқот дар бораи фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум низ ба интихобкунандагон маълумоти муфассал дода шуд.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдузафар Иномов низ дар мулоқот Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олиро Паёми таърихӣ ва ҳуҷҷати муҳим арзёбӣ кард. Зикр шуд, ки масъалаҳои ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ то кунун аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Идомаи сохтмони роҳҳову нақбҳо, иншооти хурду бузурги энергетикӣ, истихроҷ ва коркарди нафту газ ва ангишт дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони дохилиу хориҷӣ дар Паёми имсолаи Сарвари давлат аз мавзӯъҳои калидӣ буд.

Дар вохӯрӣ инчунин роҷеъ ба сиёсати хориҷиву дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шуд. Таъкид гардид, ки сиёсати пешгирифтаи кишвари мо сиёсати созанда буда, мамлакати мо омодаи ҳамкорӣ дар заминаи ҳалли ҳамаи мушкилоти байни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон мебошад.

Интихобкунандагон ба намояндагони худ роҷеъ ба масъалаҳои муҳими ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ саволҳо дода, посухҳои мушаххас гирифтанд.

ШАҲРУ НАВОҲИИ ВМКБ. **Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акрамшо Фелалиев, Бибидавлат Афзалшоева ҷиҳати фаҳмонда додани нуктаҳои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру навоҳии ВМКБ бо интихобкунандагон мулоқоту вохӯриҳо баргузор намуданд.**

Нахуст вохӯрии намояндагони мардумӣ дар деҳоти ба номи «Аскар Замиров», «Қозидеҳ» ва «Ишкошим»-и ноҳияи Ишкошим баргузор гашт. Дар вохӯриҳо муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов ва ҳамроҳонаш оид ба роҳҳои асосии рушди ҳаёти ҷомеа, ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён ёфтааст, андешаҳояшонро иброз доштанд.

Аз ҷумла зикр карданд, ки аз Паёми Сарвари давлат ҳамчун муайянкунандаи самтҳои асосии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, ки дар маҷмӯъ ба рушди иқтисод, энергетика, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат оварда мерасонад, бояд чун дастурамал истифода намоем.

Сокинони ноҳияи Ишкошим зимни суолу ҷавоб бо вакилони худ роҷеъ ба масъалаҳои гуногун ибрози ақида намуданд. Аз ҷумла зикр гардид, ки бар асари боришоти сел сокинони ноҳия аз ҳама зиёд хисорот дидаанд. Дар натиҷа, даҳ хона пурра вайрону валангор гашта, 68 хоҷагӣ қисман зарар дид. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандӣ кӯмак расонда шуд, аммо оқибатҳои зарари офат то ҳол пурра бартараф нашудааст. Дар баробари ин, дар масофаи қариб 300 км қад-қади соҳили дарёи Панҷ садҳо гектар замин ба соҳилмустаҳкамкунӣ ниёз дорад. Интихобкунандагон дархост карданд, ки барои мутахассисони ҷавон ва оилаи онҳо, ки аз деҳоти дурдаст барои кор ба маркази ноҳия меоянд, як хобгоҳи алоҳида сохта шавад.

Барои сокинони ноҳия, ки дар баландии зиёда аз 2500 метр аз сатҳи баҳр зиндагӣ мекунанд ва шароити вазнин доранд, имтиёз муқаррар карда шавад.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акрамшо Фелалиев ҳангоми вохӯрӣ бо мардум аз фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштирокчиёни мулоқот маълумоти муфассал дод.

Дар фарҷом мардум сиёсати Роҳбари давлатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, зикр карданд, ки баҳри иҷрои ҳар як нуктаи Паём талош хоҳанд кард.

***Ш. ШОҲҚОСИМ, «Садои мардум»***

ШАҲРИ ДУШАНБЕ. **Дар робита бо Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон вохӯрии раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмадалӣ Ватанов бо устодону донишҷӯён доир гашт.**

Маҳмадалӣ Ватанов дар назди ҳозирин суханронӣ намуда, таъкид дошт, ки Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми рушду тараққиёти кишвар аст. Тавре дар Паём омадааст: «Буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама ба ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодии мамлакат ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум нигаронида шудааст». Пайваста ба афзоиши ҳаҷми буҷети давлатӣ маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ зиёд гардида, ба ин соҳаҳо минбаъд низ афзалият дода мешавад.

Инчунин дар суханронии вакил аз фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияву қабули қонунҳо, ки барои таъмини рушди иқтисодиёти кишвар заминаи ҳуқуқӣ мегузоранд, маълумоти муфассал дода шуд.

Дар вохӯрӣ муовини раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Сайрамбӣ Лангариева иштирок ва суханронӣ намуд. Чунин вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимӣ, ташкилоту муассисаҳои дигари ноҳияи Фирдавсӣ низ доир гардиданд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

ШАҲРИ ХУҶАНД, НОҲИЯИ ҶАББОР РАСУЛОВ. **Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Домуллоҷон Ҷабборов ва Мақсуда Самадова бо интихобкунандагони худ дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Ҷаббор Расулов як силсила мулоқоту вохӯриҳо анҷом доданд.**

Вакилон дар ҷараёни ин мулоқоту вохӯриҳо дар бораи фаъолияти пурсамари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳия ва қабули қонунҳо ба интихобкунандагони худ маълумот доданд.

Ҳамчунин онҳо роҷеъ ба вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушду нумӯи мамлакат изҳори назар карда, таъкид намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ ба пешрафту комёбиҳои назаррас ноил шудааст, ки ин муваффақият дар асоси сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадааст.

Домуллоҷон Ҷабборов ва Мақсуда Самадова дар баробари таҳлили вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ҳамчунин ба муҳимтарин нуктаҳои Паёми Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 20 апрели соли 2012 ишора намуданд. Зикр шуд, ки Паёми имсолаи Сарвари давлат, ки фарогири тамоми соҳаҳо буд, ҳамчун асос ҷиҳати инкишофу густариши бахшҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат ба шумор меравад.

Намояндагони мардумӣ махсус таъкид намуданд, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ барои баланд бардоштани маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ, беҳтар кардани вазъи зиндагии нафақахӯрону кормандони соҳаи маориф ва дигар бахшҳо ба вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои мушаххас доданд. Вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат ва фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорон вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор доштанд, ки фазои қонуние, ки тавассути Маҷлиси намояндагон дар ҷумҳуриамон фароҳам оварда шудааст, барои тамоми соҳибкорону сармоягузорон имконият медиҳад, ки онҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолияти шаффофу созанда ва бидуни монеа дошта бошанд.

Интихобкунандагон ба намояндагони худ дар парлумони кишвар доир ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа саволҳо дода, посухҳои судманд гирифтанд.

***

ВИЛОЯТИ СУҒД. **Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ Муҳиддин Кабиров ва Умаралӣ Ҳисайнов дар шаҳри Хуҷанд ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо интихобкунандагон силсилаи вохӯриҳо анҷом доданд.**

Дар ҷараёни ин мулоқотҳо вобаста ба мавзӯъҳои гуногуни фарогири ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Ҳамчунин Муҳиддин Кабиров дар суханронии худ дар назди интихобкунандагон ба чанд нуктаи муҳими Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, изҳор дошт, ки дар Паёми имсолаи Сарвари давлат тақрибан тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа дар бар гирифта шуд ва Президенти мамлакат зимни ироаи Паёми худ, ҳамзамон таҳлил ва пешниҳодҳои мушаххасе дар заминаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар дошт. Имтиёзҳое, ки Роҳбари давлат барои соҳибкорон тавассути Паёми худ эълон дошт, метавонад муҳимтарин омил барои таҳкими фаъолияти соҳибкорон гардад ва заминаи боз ҳам мусоидтареро ҷиҳати рушди иқтисоди ҷумҳурӣ фароҳам орад.

Зикр гардид, ки аз моҳи сентябри соли равон баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи буҷетӣ, аз ҷумла муаллимон, инчунин нафақаи нафақахӯрон, кам кардани теъдоди андозҳо, озод намудани техникаҳои гуногуни муосири воридотӣ аз ҳамаи намудҳои андоз ва пардохти гумрукӣ то андозае метавонад мушкили мардумро ҳал ва ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ кӯмак кунад. Таъкид гардид, ки роҳбарону масъулони ниҳодҳои давлатӣ бояд нуктаҳоеро, ки дар Паёми Президенти мамлакат ба он ишора шуда буд, бо эҳсоси масъулият иҷро намоянд.

Интихобкунандагон ба саволҳои пешниҳоднамудаи худ аз вакилони Маҷлиси намояндагон посухҳои мушаххас гирифтанд.

ШАҲРИ ВАҲДАТ. **Мулоқоти раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Убайдулло Давлатов бо интихобкунандагон ба рӯзи вохӯрии раиси шаҳри Ваҳдат Анвари Вайсиддин бо фаъолзанони шаҳру ноҳияи Ваҳдат рост омад. Дар қасри фарҳанги шаҳр роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони мақомоти қудратӣ, фаъолзанон аз идораву муассиса ва ташкилотҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ, таълимгоҳҳои шаҳр ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҷамъ омада буданд.**

Анвари Вайсиддин ҷамъомадро ифтитоҳ намуда, зикр кард, ки вохӯрии мо дар рӯзҳое сурат мегирад, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми кишвар пешниҳод гардид. Дар Паёми имсола низ ба мақоми зан дар ҷомеа баҳои баланд дода шудааст ва имрӯз мо ҷамъ омадем, ки дар робита ба ин масъала оид ба бурду бохтамон сӯҳбат намоем. Нахуст маърӯзаи муовини якуми раиси шаҳр Қиёмиддин Абдуллоев оид ба қувваи бузурги занмодар ба ҳозирин пешкаш гардид. Баъд дар назди аҳли ҷамъомад муовини прокурори шаҳри Ваҳдат Наим Ҳасанов, сардори Шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Ваҳдат Мансур Бухориев суханронӣ карданд. Раиси шаҳр А.Вайсиддин мавзӯи мазкурро бо рақамҳои оморӣ таҳлил намуд. Сипас, ҳозирин суханронии раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Убайдулло Давлатовро бо таваҷҷуҳи зиёд гӯш карданд. Вай нуктаҳои Паёмро ба таври фишурда ба аҳли толор пешкаш намуда, зикр кард, ки он тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад ва Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар суханрониашон таҳлилу баррасӣ карда, вазифаҳои аҳли ҷомеаро барои пешрафту шукуфоии ояндаи кишвар муайян намуданд. Бинобар ин, Паёми мазкур чун як дастурамал ва роҳнамои кору фаъолияти минбаъдаи мову шумо мебошад.

-Яке аз хусусиятҳои хоси Паёми имсола дар он аст, ки соли ҷорӣ ду санаи бузургу тақдирсози давлати Тоҷикистон, яъне бистсолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва понздаҳсолагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ таҷлил мегардад,- гуфт Убайдулло Давлатов ва аҳамияти ин ду санаи муҳимро мухтасар баён кард. Дар ин робита мавсуф доир ба фаъолияти парлумони кишвар оид ба қабули қонуну қарорҳои қабулгардида, дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ибрози назар кард.

Мулоқоти раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Убайдулло Давлатов бо интихобкунандагон дар муассисаву ташкилот ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот идома меёбад.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

ШАҲРИ ИСФАРА. **Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Махфират Хидирова ва Абдураҳмон Хонов бо истиқоматкунандагони деҳоти Ворухи шаҳри Исфара як силсила вохӯриҳо доир намуданд.**

Вакилон дар вохӯриҳои худ роҷеъ ба мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, дастовардҳои бист соли истиқлолият, сиёсати дохиливу хориҷӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, талошҳои роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, берун овардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷойҳои кори доимӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дигар масъалаҳо ба интихобкунандагон маълумот доданд.

Вакили Маҷлиси намояндагон Махфират Хидирова дар бораи моҳияти асосии Паёми имсолаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ сӯҳбат карда, таъкид намуд, ки Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди масъулони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат ҷиҳати таъмини ҳамаҷонибаи дастуру супоришҳое, ки аз Паём бармеоянд, вазифаҳои мушаххас гузошт. Таваҷҷуҳи бештар ба масъалаҳои таълиму тарбияи ҷавонону наврасон, ҳалли мушкилоти занон, ба илмомӯзӣ фаро гирифтани духтарон ва омӯзиши ҳунарҳои гуногун, саҳм доштан дар ободониву созандагӣ, зебу зиннат додани кӯчаву хиёбон ва дар маҷмӯъ ҷумҳурии азизамон, пешгирии нуфузи эҳтимолии равияҳои гуногуни мазҳабӣ ва дигар мавзӯъҳо зоҳир карда шуд.

Вакилон дар бораи сиёсати дохиливу хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуда, ин сиёсатро сиёсати созандаву хирадмандона арзёбӣ карданд, зеро сиёсате, ки роҳбарияти Давлату Ҳукумати мо пеш гирифтааст, сиёсати дарҳои боз аст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамаи кишварҳое, ки нисбат ба мо назари нек доранд, ҳамкорӣ хоҳад кард. Маҳз чунин сиёсати дурандешона буд, ки имрӯз кишвари мо узви қариб ҳамаи созмон ва ташкилотҳои минтақавию ҷаҳонӣ буда, дар ҳалли мушкилоти ҷаҳониву минтақавӣ мавқеи устувори худро дорад.

Вакили Маҷлиси намояндагон Абдураҳмон Хонов низ дар суханрониҳои худ ҷавононро бузургтарин неруи созанда дар мамлакат ва ҳомиёни аслии марзу буми ватани хеш унвон карда, аз онҳо даъват ба амал овард, ки дар пешрафту шукуфоии кишвари худ бо меҳнати ҳалолу созанда саҳми арзанда дошта бошанд. Зимни муҳим арзёбӣ кардани ҳифзи марзу буми Тоҷикистони азиз ба ҳамаи ҷавонон ва волидайни онҳо пешниҳод шуд, ки барои ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат сафарбар шудани фарзандони худ мусоидат кунанд, зеро имрӯз дар тамоми ҷузъу томҳо ва қисмҳои низомӣ барои хизмати ҷавонон шароит фароҳам оварда шудааст.

Масъалаҳои баланд бардоштани нафақа, маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла илму маориф, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, сохта ва ба истифода додани роҳҳо ва нақбҳои аҳамияти дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалидошта аз ҷумлаи дигар мавзӯъҳое буданд, ки дар ҷараёни ин мулоқотҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Саволу пешниҳодҳои аҳолӣ аз он гувоҳӣ медоданд, ки онҳо ҳамаҷониба аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ намуда, омодаанд аз ин сиёсат бо меҳнати софдилонаю созанда пуштибонӣ кунанд.

Вакилони Маҷлиси намояндагон ҳамчунин дар дигар ҷамоатҳои деҳоти шаҳри Исфара, аз ҷумла Чоркӯҳ, Сурх, Хонобод ва дигар минтақаҳои аҳолинишини ин шаҳр мулоқоту вохӯриҳо анҷом доданд.

ШАҲРИ КОНИБОДОМ. **Мулоқоту вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насрулло Маҳмудов ва Умаралӣ Ҳисайнов, ки дар шаҳри Конибодом бо интихобкунандагон баргузор гардид, хеле хотирмон буд.**

Насрулло Маҳмудов зимни суханронии худ дар назди интихобкунандагон муҳимтарин нуктаҳои Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ дода, онро Паёми бунёдкориву созандагӣ ва рушду тараққиёти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат арзёбӣ кард. Зикр шуд, ки вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар сол аз сол ва аз Паём то Паём ба марҳилаи устувори рушду тараққиёт ворид шуда, сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат боло рафта истодааст.

Содда намудани равандҳои бақайдгириву додани иҷозатномаҳо ба соҳибкорон ҷиҳати сохтани корхонаҳои истеҳсолӣ ва дар ин замина озод намудани онҳо аз андоз яке аз масъалаҳои калидии Паёми Президенти мамлакат дар ин соҳа буд,- гуфт ӯ ва илова кард: ин имтиёз барои соҳибкорон заминаи мусоиди ҳуқуқиро фароҳам оварда, ба бештар гардидани шумораи корхонаҳои гуногуни саноативу истеҳсолӣ ва таъмини аҳолии минтақҳои мухталифи кишвар бо ҷойи кори доимӣ мусоидат мекунад.

Дар вохӯрӣ ҳамчунин роҷеъ ба раванди иҷрои қонунҳои қабул намудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар карда шуда, аз тамоми сокинони шаҳри Конибодом даъват гардид, ки дар самти риояи қонунҳои амалкунанда муносибати созанда намоянд.

Вакили Маҷлиси намояндагон Умаралӣ Ҳусайнов низ дар назди ҷамъомадагон баромад намуда, изҳор дошт, ки ҳадаф аз вохӯрӣ бо шумо дар баробари расонидани Паёми Президент, ҳамзамон гӯш додан ба арзу шикоят ва пешниҳодҳо мебошад.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти хоҳиши интихобкунандагон дар бораи фаъолияти Маҷлиси намояндагон, раванди таҳия ва қабули қонуну қарор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ маълумоти муфассал доданд.

Истиқоматкунандагони шаҳри Конибодом зимни пешниҳоди таклифу андешаҳо ва саволҳои гуногуни худ ба вакилони Маҷлиси намояндагон иброз доштанд, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон умеди зиёд доранд ва мутмаин ҳастанд, ки Паёми мазкур метавонад омили асосӣ ва муҳим ҷиҳати рушду нумӯи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат гардад.

Саволу пешниҳодҳои интихобкунандагон бештар ба ҳалли мушкилоти марбут ба таълиму тарбия, бедор намудани ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастӣ дар замири ҷавонону наврасон, таъмири роҳҳо, истифодаи пурсамари манобеи обӣ ва энергетикӣ дахл доштанд.

***Аҳлиддин САЛОҲОВ,***
***Сармутахассиси шӯъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

ШАҲРИ ДУШАНБЕ. **Ҷиҳати расонидани мӯҳтавои нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова дар шаҳри Душанбе бо интихобкунандагонаш мулоқотҳо анҷом дод. Чунин вохӯриҳо дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, ҶСШП «Гулистон» ва дигар идораву муассисаҳои пойтахт доир гардиданд.**

Боиси хушнудист, ки дар мулоқот ҳозирон Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хушнудӣ пазируфта, нисбати мӯҳтавои он фикру андешаҳояшонро баён намуданд.

Марҳабо Тӯхтасиновна дар вохӯриаш бо кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон аз ғамхориҳои навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, зикр кард, ки таваҷҷуҳ сол то сол ба соҳаи фарҳанг зиёд мешавад ва ин навбат низ музди меҳнати кормандони соҳаи фарҳанг ва стипендияи донишҷӯён аз 1 сентябри соли 2012-ум 50 фоиз зиёд мешавад. Сарвари давлат ба аҳамияти китобхона ва саҳми кормандони он дар ғанӣ намудани маънавиёти мардум таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар Паёмашон таъкид доштанд: «Маҳз ба хотири эҳёи тамаддуни таърихӣ ва пайвастан ба равандҳои илмию фарҳангии муосир ба наздикӣ Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба истифода дода шуд, ки метавонад дар ҷамъоварӣ, ҳифзи китобу дастхатҳои нодир ва дар маҷмӯъ дар рушди соҳаи китобдорӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати фарҳангии ҷомеа нақши борииз дошта бошад».

Собиқадори китобхона, номзади илмҳои филологӣ Абдуллоҷон Юнусов дар мулоқот бо М.Ҷабборова пешниҳод намуд, ки чун солҳои пеш бояд китобхона номи Ҳаким Абулқосим Фирдавсиро гирифта, минбаъд Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ номида шавад.

Марҳабо Ҷабборова пешниҳоди мазкурро ба инобат гирифта, ваъда дод, ки баъди омӯзиш ба он ҷавоб хоҳад дод.

Мулоқоти Марҳабо Ҷабборова дар Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшидаи «Гулистон»-и шаҳри Душанбе хеле ҷолиб ва хотирмон гузашт.

Дар вохӯрӣ асосан занҳои корхона (зиёда аз 100 нафар) иштирок доштанд ва хеле фаъол буданд. Онҳо аз ғамхориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба некӯаҳволии сокинони кишвар изҳори сипос намуданд.

Занҳо-модаронро ҳаёти ояндаи фарзандонашон дар ташвиш гузошта буд. Аз ин рӯ, бештари суолҳояшон ба таълиму тарбияи фарзандон нигаронида шуд. Модаре хоҳиш намуд, ки пеши роҳи фурӯши видеокассета ва дискҳоро дар доираи қонунҳои ҷорӣ гиранд, зеро чунин видеофилмҳо зӯриву куштторро тарғиб мекунанд ва ҷавононро ба роҳи бад мебаранд. Бештари занҳо изҳор доштанд, ки онҳоро тақдири ояндаи фарзандонашон дар ташвиш гузоштааст. Таълиму тарбия на дар ҳама мактабҳо хуб ба роҳ монда шудааст, сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии хонандагон хеле суст аст.

Рӯзҳои 28 ва 29 апрел ҳашари умумиҷумҳуриявӣ эълон гардида буд. Биноан, Марҳабо Ҷабборова дар Боғи Ғалаба ҳам дар ҳашар саҳм гузошту ҳам дар сари кор бо интихобкунандагонаш сӯҳбати озод дошт. Он рӯз дар Боғи Ғалаба зиёда аз 1500 нафар сокинони касбу кори гуногуни пойтахт ба ҳашар баромада буданд.

Аз вохӯриву мулоқотҳо як чиз ҷолиб буд, ки интихобкунандагон чун солҳои қаблӣ на аз хусуси камчинии маводи хӯрока ё пӯшока, балки аз ҳуқуқҳои конститутсиониашон, сифати таълим дар мактаб ва ҳаёти маънавиашон суолу ҷавоб доштанд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова ба суолҳои интихобкунандагонаш ҷавобҳои мушаххас дода, изҳор намуд, ки ҳар панҷшанбе рӯзи қабул дорад ва интихобкунандагонаш ҷӣ саволу дархосте дошта бошанд, метавонанд бо вакилашон вохӯранд.

Мулоқотҳо ва вохӯриҳои Марҳабо Ҷабборова бо интихобкунандагон идома дорад.

***Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»***

ВИЛОЯТИ ХАТЛОН. **Бо мақсади шарҳу тавзеҳи нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон бо интихобкунандагони худ вохӯрию сӯҳбатҳо барпо намуданд.**

Яке аз чунин мулоқотҳо дар Ҷамъияти саҳомии «УМЕД-1»- и шаҳри Қӯрғонтеппа бо вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саодат Амиршоева барпо гардид. Зимни мулоқот Саодат Амиршоева баробари шарҳи баъзе нуктаҳои Паём ҳамчунин дар бораи фаъолияти худ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал дод. Дар ин вохӯрӣ раиси шаҳри Қӯрғонтеппа Шарифхон Самиев ва дигар фаъолони шаҳр иштирок намуданд.

Дар Кохи фарҳанги шаҳри Сарбанд мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саодат Амиршоева, Талбак Исмоилов, Маҳмадшариф Нозимов бо сокинони ин шаҳр барпо гардид. Вакилон дар мулоқот зикр намуданд, ки Паёми Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баёнгари ҷаҳду талошҳо баҳри ҳаёти хуррам ва пурсаодати мардуми Тоҷикистон буда, вазифаҳои навбатии дар он гузошташуда барномаи фаъолияти минбаъдаи ҳар як шаҳрванди кишвар аст. Ҳамчунин вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирбек Маҳмадалиев бо интихобкунандагони худ дар ноҳияи Бохтар силсилаи вохӯриҳо баргузор намуд. Аз ҷумла бо як гурӯҳи калони бошандагони шаҳраки Исмоили Сомонӣ, аҳолии деҳоти Бӯстонқалъа сӯҳбатҳо доир гардиданд.

***Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»***

ҲИСОР. **Бо мақсади фаҳмондадиҳии мӯҳтавои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарофиддин Сироҷов тайи чанд рӯз дар ноҳияи Ҳисор, аз ҷумла дар шаҳраки Ҳисор, Шарора, деҳоти «Ориён», «Ҳисор» бо интихобкунандагони худ вохӯриҳо баргузор намуд.**

Шарофиддин Сироҷов дар вохӯриҳо Паёми навбатиро чун ҳуҷҷати роҳнамо ва бунёдкориву созандагии имрӯзу фардои кишвари азизамон арзёбӣ кард.

Ҳамчунин ӯ роҷеъ ба ҳадафҳои асосии давлат - таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, фароҳам овардани шароиту фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, музди меҳнат, сиёсати бонкию қарзӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва ҷавонон маълумоти муфассал дод.

Азбаски иштирокдорони мулоқот бештар сокинони деҳот буданд, он қисмати Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ки соҳаи иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва кишоварзиро фаро гирифтааст, барояшон мароқовар буд. Вобаста ба ин Шарофиддин Сироҷов суханони Президенти кишварро иқтибос оварда, зикр намуд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар, манбаи асосии таъминоти аҳолӣ бо озуқа, корхонаҳои саноатии мамлакат бо ашёи хом ва шуғли аҳолӣ мебошад. Рушди ин соҳа, пеш аз ҳама, ба беҳдошти вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолии деҳот мусоидат мекунад. Бо мақсади таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ то имрӯз чандин барномаҳои соҳавӣ қабул ва татбиқ шуда истодаанд.

Ҳамчунин ҷиҳати ҳалли масъалаҳои маблағгузории бевоситаи соҳаи пахтакорӣ, рушди бахши коркарди меваю сабзавот, ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва содироти он чораҳои иловагӣ андешида шудаанд.

Интихобкунандагон зимни ин мулоқотҳо бо дархосту саволҳои худ аз ҷониби намояндаашон дар парлумони касбии мамлакат ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд. Онҳо сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳуриро маъқул дониста, иброз намуданд, ки Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сармашқи кору фаъолияти худ дар тамоми самтҳои хоҷагии халқи кишвар қарор дода, ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва понздаҳсолагии Рӯзи Ваҳдати миллиро бо дастовардҳои назаррас пешвоз мегиранд.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

● Дар партави Паёми Президент

# ТАВАҶҶУҲУ ДАСТГИРӢ БОИСИ ПЕШРАФТ МЕГАРДАД

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни қишрҳои ҷомеа мавриди пуштибонӣ қарор гирифтааст. Дар робита ба ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз намояндагони қишрҳои ҷомеа андешаҳои хешро иброз дошта, дар маҷмӯъ, онро такондиҳандаи рушд арзёбӣ менамоянд. Дар сӯҳбат бо мо директори генералии Ширкати муштараки «Таҷам» Умар Алиматов Паёми имсолаи Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмонро оғозбахши марҳилаи нави тараққиёти бахши соҳибкорӣ арзёбӣ намуд. Ба андешаи номбурда, ҳамасола таваҷҷуҳу дастгирии Сардори давлат ба бахши соҳибкорӣ тамоюли афзоиш касб намуда, иқдомоти соҳибкорон барои иҷрои ҳадафҳои созанда ҳаматарафа дастгирӣ меёбад.

-Ба ин соҳа аҳамияти хоса зоҳир намудани Президенти ҷумҳурӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ирсоли Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бесабаб нест,- мегӯяд Умар Алиматов,- зеро соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ, яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Роҳбари давлат дар Паёмашон минҷумла зикр намуданд: «Хотирнишон месозам, ки бозори дохилӣ барои пешбурди соҳибкорӣ ва сармоягузории мустақим бояд ҷалбкунанда бошад ва дар он истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи молу маҳсулот озодона фаъолият намуда, ба ҳар гуна монеаҳои сунъиву бюрократӣ ва дигари назорату тафтишоти маъмурӣ дучор нагарданд».

-Ибрози ин андеша барои мо, соҳибкорон, хеле муҳиму саривақтӣ буд,- изҳор дошт Умар Алиматов. -Мо бори дигар мӯътақид гаштем, ки воқеан ҳам Роҳбари давлат ҳама гуна ташаббусро аз ҷониби соҳибкорон, ки ба нафъи миллату меҳан нигаронида шудааст, дастгирӣ менамоянд. Ҳамзамон бо ин амали худ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собит намуданд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ соҳибкорони баору номуси кишварро, ки дар созандагиву бунёдкорӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва хайру эҳсонкорӣ саҳмгузоранд, ҳаматарафа дастгирӣ намуда, барои фаъолияти онҳо шароит муҳайё менамоянд,- афзуд ҳамсӯҳбатам.

Ширкати муштараки «Таҷам» бо ҷалби сармояи хориҷӣ таъсис ёфтааст, ҳар чӣ зудтар амалӣ гардидани нуктаҳои Паём ба вусъати фаъолияти он боис хоҳад гашт. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, ки таваҷҷуҳу дастгирӣ ба ин ё он бахши ҷомеа боиси пешрафт мегардад. Табиист, ки фаъолияти ҳар як соҳибкор ба низоми андозбандӣ робитаи ногусастанӣ дорад ва дар баъзе ҳолатҳо маҳз ҷавобгӯйи талабот набудани қонунгузории соҳа боиси халал ёфтани рушди бахши соҳибкорӣ мегардад.

-Басо хурсандибахш аст,- мегӯяд Умар Алиматов,- зимни ирсоли Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон чунин дастур доданд: «…Бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ дар лоиҳаи Кодекси андоз номгӯйи андозҳо то 50 фоиз кам карда, аз ҷумла андоз аз фурӯши чакана пурра ихтисор ва воридоти тамоми номгӯйи таҷҳизоти технологии ҳозиразамон аз ҳамаи намудҳои андоз ва пардохтҳои гумрукӣ озод карда шавад».

Итминонам комил аст, ки иқдоми мазкур боиси рӯҳбаландӣ ва тавсеаи фаъолияти мо - соҳибкорон гашта, саҳми мо минбаъд низ дар кишвар бо бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, тавассути ворид намудани таҷҳизоту технологияҳои нав, инчунин сохтмону азнавсозии иншооти иҷтимоиву фарҳангӣ назаррас хоҳад гардид. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки Ширкати муштараки «Таҷам» соли 2002 бо ибтикори соҳибкор Умар Алиматов таъсис ёфта, ҳоло дар он зиёда аз 100 нафар фаъолият доранд. Коргоҳ истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ва маводи ғизоиро роҳандозӣ намуда, маҳсулоти ширкат дар дохил ва хориҷи кишвар харидори зиёд дорад.

Роҳбарияти ширкат ният дорад, ки бо рӯҳбаландӣ аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ ва истифодаи самараноки имконоти мавҷуда доираи фаъолияташро боз ҳам васеъ намуда, ба ин восила ҳар чӣ бештар дар рушди иқтисоди миллӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ саҳмгузор гарданд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Дастгирии эҳтиёҷмандон

Мутобиқ ба анъанаи ҷойдошта ва татбиқи амалии сиёсати Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии иҷтимоии табақаҳои алоҳидаи эҳтиёҷманд, гиромидошти хотираи қаҳрамонони ҷанг, баланд бардоштани ифтихори ватандорӣ ва дар рӯҳияи матонату далерӣ тарбия намудани шаҳрвандон ба ифтихори таҷлили 67-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев 1226 нафарро бо кӯмакпулиҳои якдафаъина сарфароз гардонид. Бо ин мақсад аз ҳисоби Фонди захиравии Раиси шаҳри Душанбе 454 300 (чорсаду панҷоҳу чор ҳазору сесад) сомонӣ ба муҳосиботи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе ҷудо карда шуд.

Тибқи ин иқдоми Раиси шаҳр ба 168 нафар маъюбон ва иштирокчиён Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ба андозаи 500 сомонӣ, ба 104 нафар шахсони бо ордену медалҳои ИҶШС барои меҳнати фидокорона ё хизмати бенуқсони ҳарбӣ дар ақибгоҳ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сарфарозгардида, 377 нафар шахсоне, ки зиёда аз шаш моҳ дар ақибгоҳ кор кардаанд, 5 нафар ҳамсарони ҷанговарони дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалокгардида, 3 нафар муҳосирабудагони шаҳри Ленинград, 112 нафар маъюбони амалиётҳои ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар (Афғонистон), 170 нафар маъюбони рафъи садамаи Нерӯгоҳи барқӣ-атомии «Чернобил» ва 287 нафар оилаи шахсоне, ки ҳангоми ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалок гардидаанд, ба андозаи 350 сомонигӣ кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

Муовини якум ва муовинони Раиси шаҳри Душанбе якҷоя бо раисони ноҳияҳои шаҳр вазифадор гардидаанд, ки маблағҳои мазкурро ба категорияҳои зикргардида, пеш аз ҳама бо аёдати шахсӣ ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 то 5 майи соли 2012 дастрас намоянд.

Ҳамзамон нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои 9 май тасдиқ карда шуд. Мутобиқи он дар ин рӯз соати 9[00] маросими ёдбуд ва гулгузорӣ дар Боғи мемориалии «Ғалаба» ва соати 10[00] дар тамоми шаҳр сайругашти оммавӣ бо баргузории намоиш ва фурӯши маҳсулоти қаннодӣ, консертҳо дар боғҳои фарҳангу фароғатии ба номи С.Айнӣ, «Дӯстии халқҳо», Кӯли ҷавонон ва майдони 800-солагии Москва доир карда мешаванд.

***Ш.САИДОВ, котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

● Ташаббус

# Ёвон семент мебарорад

Ҷидду ҷаҳди ватандӯстонаи роҳбарият ва аҳли заҳмати ҶДММ «Ғайрат» - и ноҳияи Ёвон барои соҳибкорони ватанӣ намунаи ибрат мебошад. Чандест, ки ҷамъияти мазкур фаъолияти корхонаи муҷаҳҳаз бо таҷҳизоту техникаи замонавии сементбарориро бо иқтидори солонаи 73 400 тонна маҳсулоти хушсифат ба роҳ мондааст. Бо мақсади васеъ кардани доираи фаъолияти корхона якҷоя бо мутахассисони хитойӣ азм кардаанд, ки дар шафати корхона боз як корхонаи азимтари истеҳсоли сементро бо маблағгузории муштарак бунёд созанд. Алҳол мутахассисону коргарони тоҷику хитойӣ ба устуворсозии таҳкурсии коргоҳи нав машғуланд. Сохтмони завод моҳи сентябри соли 2011 оғоз гардида, охирҳои соли 2013 ба охир мерасад.

Бартарияти заводи нави сементбарорӣ он аст, ки ин корхона бо истифода аз имкониятҳои дохилӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, аз лиҳози маводи сӯхт аз ягон давлати хориҷӣ вобаста нахоҳад буд. Барои фаъолияти завод ангишти худи ҷумҳурӣ истифода гардида, он ташвиши зиёдатиро пешгирӣ менамояд. Дар сурати муваффақ шудан ба истеҳсоли маҳсулоти ҷавобгӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ завод метавонад аз хориҷи наздик низ муштариён пайдо намояд, ки ин ҳам дастоварди хубе хоҳад буд.

Ҳоло 150 нафар мутахассисони маҳаллию хитойӣ дар ин иншоот машғули кор ҳастанд. Бо мавриди истифода қарор ёфтани корхонаи нави сементбарорӣ 350 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ хоҳад гардид. Аз ин ҳисоб 100 нафарро мутахассисони хитойӣ, 250 нафарро мутахассисони тоҷик ташкил намуда, музди ҳармоҳаи коргарон 1500 - 2000 сомонӣ хоҳад буд. Бо ин мақсад 100 нафар сокинони маҳаллӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой барои касбомӯзӣ фиристода мешаванд.

Дар натиҷа иқтидори шабонарӯзии завод 3000 тонна ва иқтидори солонаи он ба як миллион тонна расонида мешавад. Бо чунин иқтидори истеҳсолӣ корхона калонтарин заводи сементбарорӣ дар Осиёи Миёна хоҳад шуд.

***Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»***



# ХУШТАР ЗИ КИТОБ...

Бо мақсади ҷалби ҳар чӣ бештари кӯдакону наврасон ба китобу китобхона, тарбияи худшиносиву ватандӯстӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва баланд бардоштани сатҳи маънавиёти насли наврас дар ноҳияи Рашт корҳои зиёде анҷом дода мешавад.

Аз ҷумла чанде пеш дар назди бинои кохи фарҳанги ноҳия бо иштироки донишҷӯёни омӯзишгоҳи тиббӣ, хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 1, 26, 32 ва 52 чорабинии фарҳангӣ доир шуд. Дар он муовини директори китобхонаҳои системаи марказонидашудаи ноҳия Бахтиёри Маҳмадмусо оид ба «Мавқеи китоб дар ҳаёти инсон ва алоқаи насли навраси ноҳия ба китобхонаҳо» маърӯза кард. Вай аз он изҳори хурсандӣ намуд, ки тайи ду соли охир муносибати мактабиён бо китоб дигар шуда, робитаи онҳо ба китобхонаҳо бештар гардидааст.

Ҳунармандони наврас аз мактабҳои ноҳия якҷоя бо санъаткорони бахши фарҳанг як барномаи рангини консертӣ омода намуда буданд, ки дар намоиши он на танҳо хонандагон, балки волидайни онҳо низ ширкат варзиданд.

Маъмурияти бахши фарҳанг китобдорони хизматкарда, хонандагони фаъол ва онҳоеро, ки дар ин рӯз хуб ҳунарнамоӣ карданд, бо мукофотҳои хотиравӣ қадр намуд.

***Мирзосафар РИЗВОНОВ***

● Одамони наҷиб

# СИТОРАИ РАХШОНИ ШАҶАРА

Долу зарби кори саҳройӣ дар колхоз пушти сар ва давраи омодагии марди деҳқон ба ҷамъоварии ҳосили бо арақи ҷабин парваридааш наздик мешуд. Иддае аз колхозчиён барои оростани хирмани ҳосили маҳсулоти пешпази хоҷагии қишлоқ омодагӣ медиданду иддаи дигар ба коркарди заминҳои пахта машғул буданд. Ташвиши сарагрономи колхоз аз ҳама зиёд ба чашм мерасид...

Асароти бади ҷанги хонумонсӯз ҳанӯз тақозо мекард, ки аҳли заҳматкаш аз худ фидокории зиёд нишон диҳанд. Аз ғалабаи халқи советӣ бар фашизми аду чанд сол пушти сар шуда бошад ҳам, ҳанӯз шароити зиндагӣ хеле вазнин буд. Маҳмадӣ ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, дар байни деҳқонони солор чун деҳқони асил мавқеи худашро ёфта буд. Дар кори масъули деҳқонӣ мӯйсафедони чашми кордони колхоз ба ӯ такя ва корҳои мураккабро ба ӯ бовар мекарданд.

Беҳуда набуд, ки сарагрономи колхоз ҳангоми киштукори пунбадона Маҳмадии ҷавонро ба ҳайати бригадаи асосӣ ҳамроҳ карда, аз раиси колхоз хоҳиш мекард, ки ҳангоми кишти шабонарӯзӣ Маҳмадӣ барин деҳқонони кордонро дар мавсим ба ӯ вобаста кунад...

Он солҳо хонадоршавии ҷавонон ба салоҳияти раиси колхоз вогузор буд. Раиси колхоз ҷавонони ба балоғатрасидаро бо навбат аз ҳисоби даромади колхоз хонадор менамуд. Маҳмадӣ дар синни ҳаштсолагӣ аз падар ятим монда, дар тарбияи падарандараш бобои Сафар ба воя расида буд. Вобаста ба шароит, бобои Сафар қудрати хонадор кардани Маҳмадиро надошт. Ҳамон замон бо як сару либоси арӯсиву домодӣ (куртаи арӯсӣ ва ҷомаи беқасаб) якчанд тӯйро мегузарониданд.

Қисмат тифоқ афтоду қиссаи хонадоршавии бобои Маҳмадиро аз худаш, ҳангоми айёдати ӯ бо ҳамроҳии профессор Зайналобиддин Кобулиев, ки яке аз дӯстони хонаводаи Сафаровҳост, соли 2006 дар деҳаи Тутқавул шунидем. Бобои Маҳмадӣ нақл кард, ки ҷавононро раиси колхоз бо навбат хонадор менамуд ва ҳеҷ навбат ба ман намерасид. Синнам ба 27 наздик мешуду ҳеҷ не раис аз боби хонадоршавиам лаб кушояд. Рӯзе ман худро барқасд аз миёнам ба дарахти дӯлона овехтам ва хабар ба раиси колхоз мерасад. Раиси колхоз Нарзуллои Носир бисёр марди ботамкин буд ва аз сабаби коргари хуб буданам манро дӯст медошт. Ба хотири он ки ягон ҳодисаро ба сар набарам, сарагрономро наздаш даъват карда, супориш медиҳад, ки аз пайи хонадоркунии ман шаванд. Бо ҳамин роҳ навбати хонадоршавиро гирифтам.



Раиси колхоз Нарзуллои Носир бо бобои Сафар ва сарагрономи колхоз маслиҳат карда мегӯяд, ки хонадони бобои усто Собирро дар колхоз ҳама медонад. Ӯ фарзандони солеҳро ба воя расонидааст. Маъракаю ҷамъомаде нест, ки мардум аз хонаи бобои Собир ҳаққи намак нашуда бошад. Ин ҳама аз сарҷамъию хуштарбиягии фарзандони бобои Собир дарак медиҳад. Духтари хубе ҳам дорад. Чӣ мешавад, ки бобои Сафар пайи хешу таборӣ дари хонаи бобои Собирро кӯбед? Бобои Сафар, ки худ марди мулоҳизакор буд, таклифи раисро бо аҳли байташ маслиҳат карда, ба қарор омаданд, ки духтари бобои Собир-Гулдастаро барои Маҳмадӣ хостгорӣ намоянд.

5-уми майи соли 1952. Деҳаи Найзираки шаҳри Норак. Фасли зебойи сол талу теппаро оро дода буд. Гӯё баҳори нозанин барои ба дунё омадани фарзанди Маҳмадӣ омодагӣ медид. Ин фасли зебо гирду атрофро махмалин карда, барои фарзанди Маҳмадӣ гулу себарга пойандоз буд. Маҳмадӣ дар саҳро саргарми кор. Писарбачаи ҳамсоя бо садои шодиёна бонг мезад: Ҳайдагирам! Ҳайдагирам! Ҳайдагирам! Келини бобои Сафар писар таваллуд кард! Акаи Маҳмадӣ писардор шуд! Акаи Маҳмадӣ! Акаи Маҳмадӣ! Ҳайдагирам, ҳайдагирам! Занатон бача таваллуд кард! Бача! Бача! Мардум ҳама ба хонаи бобои Сафар биёед! Зиёфат мешавад! Зиёфат! Бобои Собир ҳам зиёфат медиҳад! Ҳама ба хонаи бобои Сафар! Писарбача шодӣ мекарду мардумро ба шодипайванди бобои Сафару бобои Собир даъват мекард.

Маҳмадии ҷавон даступохӯрда шуда буд. Охир, ин бачаи ҳамсоя бо як табъи болида шодӣ мекарду ба такрор фарёд мекард. Яку якбора аз шунидани хабари хуш дилаш гум зад. Ӯ ин рӯзро бесаброна интизор буд ва ба худ қавл дода буд, ки аз мардум нахустин шуда, худаш шодиёна мегирад ва ба зиёфат даъват мекунад. Лекин рафтори наҷиби писарбачаи ҳамсоя дар як лаҳза ҳама ҳушу хаёлашро бурд. Баъди андаке лаҳзаи шодиву нишот ба худ омад ва наздаш сарагрономи колхозро дид, ки бо табассум ба ӯ нигоҳ мекард. Маҳмадии даступохӯрда зуд худашро ба даст гирифта гуфт: Бубахшед, ака. Ин шӯхбачаи ҳамсоя чунон маро ба ҳаяҷон овард, ки ашки шодӣ рехтам ва ҳамаро фаромӯш кардам. Ҳалолаш бод. Ҳама ҳамсояҳои мо ҳамин хел нексириштанд ва фарзандонашон низ пайравони онҳоянд. Дар деҳаи мо ҳама мисли як оила зиндагӣ мекунанд. Биё, ака, ба хона меравем...

Бобоёну бибиёни навзод, чун анъана, ба тифл номи арзандаро интихоб карда, ба ӯ Маҳмадалӣ ном гузоштанд. Маҳмадалии дӯстрӯяк бо гузашти айём калон мешуд. Ӯ кӯдаки орому кунҷков ба воя мерасид. Модар аз рафтори Маҳмадалӣ хурсанд мешуду рӯҳу тавонаш болида мегашт. Зиракиву кунҷковии Маҳмадалӣ падарро қуввату дармон мебахшид.

Соли 1959 дар синни ҳафтсолагӣ Маҳмадалиро барои таҳсил ба мактаб доданд. Маҳмадалии хурдсол таҳсили худро дар мактаби миёнаи №8-уми шаҳри Норак оғоз намуда, соли 1969 мактаби рақами 5-уми ин шаҳрро хатм кард. Айёми мактабхонӣ Маҳмадалӣ баробари дар қатори аълохонҳо буданаш дар маҳфилҳои фаннӣ иштирок мекард. Яке аз иштирокчиёни фаъоли маҳфили «Физикони ҷавон» буд. Пас аз хатми мактаби миёна таҳсили худро дар факултети физикаю риёзии Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) давом дод.

Давраи донишандӯзӣ пушти сар шуд. Истеъдоди худододи Маҳмадалӣ возеҳу равшан ба чашм расид. Ӯро ҳама дӯст медоштанд. Ҳамеша барои кӯмаки ҳаммаслакон фурсат меёфт. Корҳои эҷодиаш пайваста дар рӯзномаҳову маҷаллаҳо рӯйи нашр меомад.

Маҳмадалӣ зодгоҳашро бисёр дӯст медошт. Мехост доим дар иҳотаи падару модар, додару хоҳар бошад. Бародараш Музаффар, ки хатмкардаи Донишгоҳи энергетикии шаҳри Ивановои Федератсияи Россия буд, дар тадқиқотҳои илмиаш саҳми боризе мебозид. Ӯ, ки роҳбарии иншоотҳои азими энергетикиро ба ӯҳда дошт, дар амалӣ шудани ғояҳои илмии Маҳмадалӣ ҳамчун шахси чашми кордон ва истеҳсолотчӣ маслиҳатгари хубе буд. Хоҳарони Маҳмадалӣ Суфия ва Зулфия таконбахши корҳои эҷодиаш буданд. Бобои Маҳмадӣ ва холаи Гулдаста бо фарзандони солеҳи худ ифтихори деҳа буданд. Мардуми деҳа низ аз чунин ҳамдиёрон ифтихор мекарданд...

Меҳри деҳа Маҳмадалӣ Сафаровро соли 1974 пас аз хатми донишкада ба мактаби №4-и шаҳри Норак овард. Ӯ ба ҳайси омӯзгори фанни физикаю математика ба кор шурӯъ намуд. М.Сафаров ташнаи кори эҷодӣ буд. Талош мекард, ки аз асрори илм бохабар бошад. Фазои мактаб барои идомаи кори илмӣ он қадар мусоид набуд, вале Маҳмадалии донишманд ташнаи илм ва бозёфтҳои он буд...

Хислати кунҷковию эҷодкорӣ Маҳмадалиро ором нагузошт. Тақдир ӯро ба шаҳри Душанбе овард. Аз соли 1975 то соли 1980 дар Донишкадаи омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко ба ҳайси лаборанти калон, мудири кабинети фаннӣ фаъолият кард. Истеъдоди омӯзгории ӯро раёсати донишкада ба инобат гирифта, ӯро аввал ба сифати ассистент ва баъд ба сифати муаллими калони кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии факултети математика тавсия намуд. Солҳои 1981-1986 мавсуф ҳамзамон дар шӯъбаи ғоибонаи аспирантура таҳсил намуда, соли 1986 дар Институти механика ва оптикаи дақиқи шаҳри Ленинград рисолаи номзадиро дифоъ карда, номзади илмҳои техникӣ шуд.

Устод Маҳмадалӣ Сафаров пайваста ҷустуҷӯ мекунад, меомӯзад, шогирдонро тарбия мекунад ва маҳсули меҳнаташро сарҷамъ намуда, барои ҳимояи рисолаи докторӣ камари ҳиммат мебандад. Ниҳоят, соли 1994 дар Институти проблемаи энергетикии шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорус рисолаи доктории аз рӯйи ихтисоси «Техникаи гармо ва физикаи молекулавӣ» ҳимоя карда, сазовори дараҷаи доктори илм гардид.

Усули ҷолиби дарсдиҳии Маҳмадалӣ Сафаровро маъмурияти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ ҳангоми ҳамкориҳо ба инобат гирифта, ӯро барои кори доимӣ ба донишгоҳ даъват мекунанд ва муддати тӯлонӣ аст, ки номбурда ба тадриси шогирдон ва тайёр кардани аспирантону докторантҳо машғул аст. Намунаи баръалои ин заҳматҳо тайёр кардани 13 номзади илм ва як доктори илмҳои техникӣ мебошад, ки меҳнаткаринии устодро нишон медиҳад. Айни ҳол ӯ ба корҳои илмии 10 унвонҷӯй ва 12 муҳаққиқ роҳбарӣ менамояд. Зери роҳбарии профессор М.М. Сафаров соли 2007 яке аз олимони шинохтаи тоҷик Зайналобуддин Кобулиев рисолаи доктириро бомуваффақият ҳимоя намуда, сазовори унвони доктори илмҳои техникӣ гардид...

Меҳнатқаринии Маҳмадалӣ Сафаров аз назари аҳли башар дур намонд. Ҳамин буд, ки солҳои 1996-1997 дар яке аз ташкилотҳои байналмилалии омӯзиши хосиятҳои ҳароратии моддаҳо (ТРАС-Лондон) академики Академияи Ню-Йорк интихоб шуд. Соли 2001-ум бошад, ҳолномаи профессор М.М. Сафаров дар Энсиклопедияи шахсони машҳури ҷаҳон (Лондон) чоп гардид. Маркази ҳолноманависии шаҳри Ню-Йорк соли 2003 устод Маҳмадалӣ Маҳмадиевичро «Одами сол» интихоб намуда, бо медали тиллоӣ сарфароз гардонид. Ин марди хоксор, доктори илмҳои техникӣ, профессор, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи Ню-Йорк, дорандаи Ҷоизаи тиллоӣ «ISESCO-2008» дар соҳаи физика, дорандаи медали тиллои ба номи В.И. Блиников барои ихтироот ва нишони фахрии МПИИ Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Бо саъю талоши ӯ 675 кори илмӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ чоп шудаанд. Воситаҳои таълимӣ дар бахши физикаи гармо ва техникаи гармо, 24 шаҳодатномаи муаллифӣ барои ихтироот, 36 монографияю брошюра аз ҷумлаи корҳое мебошанд, ки рӯйхати корҳои эҷодии устодро пурра мекунанд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2006-ум барои хизматҳои бенуқсон ва бисёрсола дар тайёр кардани мутахассисони соҳибмаълумот ва рушду нумӯи соҳаи маориф профессор Сафаров Маҳмадалӣ Маҳмадиевич бо медали «Хизмати шоиста» қадр гардид.

Дар ҷавоби ғамхориҳои Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон устод М. Сафаров дар талоши он аст, ки дар ҷомеа манзалату нуфузи таълиму тарбия устувор нигоҳ дошта шавад. Ҳамин аст, ки Маҳмадалӣ Сафаров худ намунаи ибрат буда, 8 фарзанди солеҳро дар рӯҳияи ватандӯстию инсонпарварӣ, бунёдкориву созандагӣ тарбия мекунад. Фарзандонаш Файзалӣ, Муродалӣ, Лутфия, Мунаввара ва Мавҷуда аллакай мутахассисони соҳаҳои касби хешанд. Бахтиёр бошад, азм кардааст, ки баъди хатми донишгоҳ ба кори илмӣ даст мезанад. Парвизу Ғафурҷон бошанд, аз ҳозир самти фаъолияти минбаъдаашонро баъди мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ муайян кардаанд. Беҳуда нест, ки аллакай аз синни хурдсолӣ дар оила ва доираи ақрабову дӯстон шӯхиомез кунҷковию донишандӯзии Парвизу Ғафурҷонро дида Парвизро «профессор»-у Ғафурҷонро «дотсент» мегӯянд. Умед аст, ки фарзандон номбардори падар ва мисли ӯ ифтихори миллат шаванд.

***Самардин ЯҚУБОВ, директори Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, номзади илмҳои техникӣ***




## Гурӯҳҳои тарғиботӣ ташкил шуданд

**ПАНҶ. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо мақсади аз наздик ошно намудани аҳолӣ бо мӯҳтавои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои тарғиботӣ ташкил намуд. Дар ҳайати гурӯҳҳо вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилоят, кормандони масъули Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, фаъолон шомиланд. Онҳо ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят сафар намуда, ба мардум дар атрофи Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сӯҳбату мулоқот доир менамоянд. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру нишондодҳои раҳнамунсози Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят нақшаи махсуси чорабиниҳо тартиб дода шудааст.

## Мардуми Бадахшон ба ҳашар баромад

**ХОРУҒ. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Дар доираи нақша-чорабиниҳо ба пешвози15-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ҳашари умумихалқӣ баромаданд. Онҳо дар баробари тозаю озода кардани маҳалли зист, хиёбонҳо, боғу роҳҳо, ҷӯйборҳо дар азнавсозии канали Додихудо, ки дар натиҷаи афтидани кӯҳпора қариб як километр хароб гашта буд, фаъолона иштирок карданд. Дар шаҳри Хоруғ қариб ҳашт километр канали обгузар аз нав таъмир карда шуд. Ҷамъ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 63 километр каналу ҷӯйборҳо, ки дар натиҷаи офати табиӣ вайрону валангор гашта буданд, аз нав барқарор карда шуд. Рӯзҳои ҳашар сокинони вилоят 25000 бех ниҳолҳои сояафкан ва ороишӣ шинонда, 10 гектар боғи нав ва 15 гектар боғҳои кӯҳнаву харобгаштаро барқарор карданд.

## Азми деҳқонони кӯлобӣ

**КӮЛОБ. (М. РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»)** Бо маҳсулоти тару тоза таъмин намудани аҳолии шаҳр ва навоҳии гирду атрофи онро деҳқонони кӯлобӣ мақсади худ қарор додаанд. Онҳо айни замон дар майдони 200 гектар замин ба кишти маҳсулоти гуногун машғуланд. Бо истифода аз ҳавои мусоид ва заминҳои ҳосилхез ният доранд, ки дар рӯзҳои наздик масоҳати умумии майдонҳои киштро ба 750 гектар расонанд.

## Помидори тару тоза аз гармхона

**РӮДАКӢ. (М. ЗОКИР, «Садои мардум»)** Сокини деҳоти «Чимтеппа»-и ноҳияи Рӯдакӣ Акрамҷон Қушоқов ҳосили нави помидори парваришкардаашро ба фурӯш баровард. Вай ҳамроҳи фарзандонаш дар 13 садяк замин гармхона ташкил кардааст. Соҳибкори ботаҷриба бо вуҷуди харҷи зиёд маҳсулоти хоҷагии худро бе миёнаравҳо ба бозор бароварда, бо нархи дилхоҳ мефурӯшад. Дар ноҳия таҷрибаи истифодаи парвариши зироат дар гармхонаҳо тавri васеъ истифода мешавад. Алҳол дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия майдони умумии гармхонаҳо ба 18 гектар расидааст.

## Гусели ихтиёриён ба хизмат

**ИСФАРА. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар майдони ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Исфара маросими ботантанаи гусели 50 нафар ҷавонписароне, ки ихтиёрӣ хоҳиши хизмат дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ватанро кардаанд, баргузор гашт. Иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳр Раҳмоналӣ Амиров аз мактаби обутоби ҷисмониву рӯҳӣ ва ҷасорату мардонагӣ будани даврони хизмати ҳарбӣ ёдовар гашта, иқдоми ихтиёриёнро намунаи барҷастаи шуҷоат, масъулият ва ватандӯстӣ номид. Вай ба ҷавонписарони ихтиёрӣ ба хизмат даъватшуда самимона арзи ташаккур баён карда, роҳи сафед ва хизмати намунавӣ хост. Ба ихтиёриён, ки бештар аз деҳаҳои Навгилему Хонобод ва Лаккону Нефтобод буданд, тӯҳфаҳои хотиравӣ ҳадя гардид. Ҳамзамон раиси шаҳр ба як гурӯҳ аскарони қисми низомии дар шаҳрбуда, ки мӯҳлати хизмати Ватан-Модарро бошарафона адо намудаанд, шаҳодатномаи ҳарбӣ супорид.

## «Бахтофарони Ваҳдат»– маҷаллаи нави бонувон

**ВАҲДАТ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Бонувони шаҳри Ваҳдат соҳиби маҷаллаи нави «Бахтофарони Ваҳдат» шуданд. Шумораи нахустини ин маҷалла, ки дар он ҳаёт ва фаъолияти занону духтарони шаҳри Ваҳдат инъикос ёфтааст, бо ороишоти хуб ва ранга нашр гардидааст. Муассиси маҷалла Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат мебошад. Имрӯз дар шаҳри Ваҳдат ҳар ҳафта як маротиба рӯзномаи «Шаҳриёр», моҳе ду маротиба нашрияи аҳли маориф-«Шамъи ирфон» ба табъ мерасад. Радиои маҳаллӣ низ фаъол аст ва ҳамарӯза то як соат барномаҳои он пахш мегардад.

## Мавсими нави истироҳатӣ оғоз гардид

**ВАРЗОБ. (М. ЗОКИР, «Садои мардум»)** Дар минтақаи туристию фароғатии Варзоб мавсими нави қабули сайёҳон оғоз ёфт. Масъулони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои ташкили истироҳати бофароғати онҳое, ки ба ин мавзеи хушобу ҳаво меоянд, тамоми тадбирҳоро меандешад. Пеш аз оғози мавсим бо мақсади дарёфти ширкатҳои фаъол барои хизматрасонӣ ба сайёҳон озмуни «Беҳтарин усули хизматрасонӣ ба сайёҳон» гузаронида шуд.

## Ба хотири гиромидошти Мирзоавлиё – паҳлавон

**МӮЪМИНОБОД. (М. НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»)** 10 майи соли равон дар ноҳия бо ташаббуси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия, фарзандону шогирдон ва ёру дӯстон, бахшида ба 100 – солагии нахустқаҳрамони мусобиқоти гӯштии Осиёи Миёна ва Қазоқистон, аввалин устоди варзиши Тоҷикистон Мирзоавлиё Олимов маъракаи калони гӯштигирӣ доир мегардад. Дар он паҳлавонон аз тамоми гӯшаву канорҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он иштирок менамоянд. Чорабинии мазкур ба хотири гиромидошти М. Олимов барин фарзандони барӯманди миллат, ки мояи ифтихору сарбаландии ҳамагон мебошанд ва тарғиби варзиш миёни наврасону ҷавонон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи солимӣ ва ҳарбӣ – ватандӯстӣ роҳандозӣ шудааст.

## Қувваозмоии варзишгарон

**ИСТАРАВШАН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар толори мактаби варзишии бачагону наврасони №1-и шаҳри Истаравшан мусобиқаи вилоятӣ оид ба баскетбол баргузор гардид. Дар он дастаҳои варзишӣ аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Ашт, Истаравшан, Қайроққум, Конибодом, Спитамен, Ҷ. Расулов, Шаҳристон ва Зафаробод ширкат варзиданд. Дар натиҷа, байни писарон варзишгарони дастаи шаҳри Хуҷанд ба гирифтани ҷойи якум, дастаи Истаравшан ҷойи дуюм, дастаи ноҳияи Ҷ. Расулов ҷойи сеюм ва байни духтарон варзишгарони дастаи шаҳри Хуҷанд ба гирифтани ҷойи якум, дастаи ноҳияи Ҷ. Расулов ҷойи дуюм ва дастаи ноҳияи Спитамен ҷойи сеюми мусобиқаи мазкур сазовор гардиданд.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

## ТАНАКСОЛ плюс - бар зидди (ихроҷ)-и ЛЯМБЛИЙ!




Аз доруxонаҳо пурсон шавед.

40 фоизи кӯдакон ва 10 фоизи калонсолони рӯйи замин ба бемории лямблиоз гирифторанд.

Ширкати илмию истеҳсолии «Биолит»-и Россия воситаи нодиреро коркард намудааст бо номи «Танаксол плюс», ки он аз ҷамъи гиёҳҳои шифобахш тайёр карда шуда, тамоман безарар аст.

**Омилҳои истифодаи Танаксол плюс:**

- ҳангоми бемориҳои паразитӣ ва сироятӣ (лямблиоз, амебиоз, аскаридоз, энтеробиоз) истифода мегардад, ба барқароршавии микрофлораи меъда мусоидат мекунад;

- ҳоло воситаи аз ҳама самараноки зидди лямблиоз барои кӯдакон ва калонсолон маҳсуб меёбад. Ҳар шахс барои пешгирии худ ё тифли худ метавонад аз «Танаксол плюс» истифода барад, то 2-3 маротиба ҳар сол.

Дар ҳолатҳои вазнин «Танаксол плюс»-ро якҷоя бо дигар воситаҳои синтетикии зидди ихроҷ истифода бояд бурд. «Танаксол плюс» таъсири манфии доруҳои синтетикиро кам мекунад.

**Тарзи истифодабарӣ:** Кӯдакони 1 - сола 1/6қ, аз 2 то 7 - сола 1/3қ, аз 7 то 12 - сола 2/3 қ, аз 12 - сола ва калонсолон аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок.

**Давомнокӣ:** Аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз. Рег № 000678

***Телефон: 985-10-55-05***

## БУНЁДИ МИЛЛИИ ИҶТИМОИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН (БМИМТ)

### ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК КАРДАН ДАР САВДО-ОЗМУНҲО (такрорӣ)

Санаи даъват: «5» майи соли 2012
№ Шартномаҳо: **KFWII-16/ KFWII-30**
№ Грант: **BMZ** №2005 66 315

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки Олмонии рушд дар доираи Барномаи KFW (Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ) Гранти BMZ №2005 66 315 гирифт. Дар назар аст, ки як қисми маблағҳои ин грант дар доираи шартномаҳои KFW II-16/ KFW II-30 ҷиҳати пардохт барои татбиқи лоиҳаҳои ҷамоавии:

***KFW II-16 «Сохтмони бинои таълимии 6 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи нопурраи № 25, деҳаи Коммунизм, ҷамоати Крупская, ноҳияи Қумсангир»,***

***KFW II-30 « Сохтмони бинои таълимии 8 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 9, деҳаи Давлатшоён, ҷамоати Кангурт, ноҳияи Темурмалик».***

2. Супоришдиҳандаҳо - ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи нопурраи № 25, деҳаи Коммунизм, ҷамоати Крупская, ноҳияи Қумсангир, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 9, деҳаи Давлатшоён, ҷамоати Кангурт, ноҳияи Темурмалик*** ва маблағгузор - Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) ***ташкилотҳои сохтмонии аз интихоби пешакӣ гузаштаро*** даъват менамоянд, ки пешниҳодоти озмунии пӯшидаро барои иштирок намудан дар озмуни интихобӣ ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳои ***KFW II-16, KFW II-30*** манзур намоянд.

Иштирокчиёни савдо-озмун бояд Иҷозатномаи ҳуқуқи иҷрои корҳои сохтмонӣ-васлкуниро дошта бошанд.

3. Ҳуҷҷатҳои савдо-озмун ва нусхаҳои иловагии онро бо пардохти бебозгашт, ба маблағи 300 (сесад) сомонӣ барои ҳар як бастаи ҳуҷҷатҳо аз суроғаҳои зерин дастрас кардан мумкин аст:

***дафтари минтақавии БМИМТ, ш. Қӯрғонтеппа, кӯч. Зайнидинов 34.***

***дафтари минтақавии БМИМТ, ш.Кӯлоб , кӯч. Н.Ҳувайдуллоев 9/14.***

Маълумоти иловагиро низ аз ҳамин суроғаҳо дастрас кардан мумкин аст.

4. Конфронсҳои пешазозмунӣ барои лоиҳаҳои ***KFW II-16 ва KFW II-30 21-уми майи соли 2012, соати 14.00, дар бинои дафтари марказии БМИМТ дар ш.Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25а (бинои Киностудияи «Тоҷикфилм», ошёнаи 4)*** баргузор мегарданд.

5. Пешниҳодҳо бояд аз рӯйи қолаби стандартӣ, дар бастаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ***на дертар аз соати 14.00 рӯзи 29 -уми майи соли 2012*** ба суроғаҳои зайл пешниҳод шаванд: ***ш.Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, ошёнаи 2, утоқи 22, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*** ки дар он ҷо дар ҳузури иштирокчиёни озмун ва намояндагони ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактабҳо*** аз тарафи комиссияи тендерии ***Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** кушода мешаванд.

6. Пешниҳодҳои озмунӣ пас аз кушодан, муддати 45 рӯз эътибор доранд ва бояд аз рӯйи қолаби стандартии «Замонати бонкӣ барои пешниҳодҳои озмунӣ» ба андозаи на кам аз 50,0 ҳазор сомонӣ замонати бонкӣ дошта бошанд.

Маълумотҳоро тавассути телефонҳои БМИМТ гирифтан мумкин аст:
дар ш. Душанбе: (8-992-37) 221-31-08, 221-68-44,
дар ш.Қӯрғонтеппа: (8-3222) 3-60-43/ 3-61-73.
дар ш. Кӯлоб: (8-3322) 2-66-66.
**e-mail:** spap@nsift.tojikiston.com; http://www.nsift.tojikiston.com/

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд- мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раёсати хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмонии шаҳри Ваҳдат | Қисмҳои эҳтиётии автомашина | тибқи дархост | 24.05.2012 соати 10.00 |
| 2 | МТМУ №137, шаҳри Ваҳдат | Корҳои таъмир ва азнавбарқароркунӣ | тибқи санади нуқсонӣ | 24.05.2012 соати 11.00 |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ОБЩЕСТВО КРАСНОГО ПОЛУМЕСЯЦА ТАДЖИКИСТАНА

Общество Красного Полумесяца Таджикистана (ОКПТ), приглашает все заинтересованные компании и организации к участию в тендере по **строительство спортивного комплекса в с/с Сагирдашт Дарвозского района, ГБАО,** осуществляемое при финансовой поддержке Итальянской Красный Крест (ИКК).

Для участия в тендере необходимо представить письмо намерение об участие, копия документа/сертификата об официальной регистрации компании и копию справки с налогового органа о не задолженности.

**Данное требование является обязательным условием тендера.**

Для получения специального приглашения и детальной спецификации все заинтересованные компании и организации могут обратиться по адресу:

**г.Душанбе, ул. О.Хайяма 120, отдел материально-технического обеспечения ИА ЦК ОКПТ.**
**Тел: 224-58-81.**

ОКПТ оставляет за собой право принять все или часть предложения, самая низкая предложенная цена может быть не принята.

***Последний срок подачи предложений: 14 мая 2012 года, до 9.00 часов местного времени.***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1287/1-574 | Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Фиттаи видео SONY PDV 184 | адад | 200 | 14.05.2012 соати 9.00 |
| 1288/1-575 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 128 | 25.05.2012 соати 9.00 |
| 1289/1-576 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷароҳии дилу рагҳо | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгӯй | 5 | 25.05.2012 соати 9.30 |
| 1290/1-577 | Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 9 | 14.05.2012 соати 9.30 |
| 1291/1-578 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Шакар | маълумоти иловагӣ пешниҳод мешавад | | 25.05.2012 соати 10.00 |
| 1292/1-579 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Репитери сайёр (5W) | маҷмӯъ | 3 | 10.05.2012 соати 9.00 |
| 1293/2-414 | Муассисаи давлатии хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳии н.Ҳисор | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 181 | 14.05.2012 соати 9.00 |
| 1294/2-413 | Шабакаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ш.Турсунзода | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 22 | 14.05.2012 соати 9.30 |
| 1295/2-415 | Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва боғи маданӣ-истироҳатии «Ғалаба» | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Ҳоҷатхонаи мутаҳаррик | дона | 4 | 14.05.2012 соати 10.00 |
| 1296/2-416 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Рӯпӯш (покривало) 1,30 х 1,80 | дона | 1000 | 14.05.2012 соати 10.30 |
| 1297/3-268 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Аломатҳои қайди давлатӣ | номгӯй | 3 | 14.05.2012 соати 9.00 |
| 1298/3-269 | Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино, утоқҳои корӣ ва зинапояҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 9.30 |
| 1299/3-270 | Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Пардоз намудани захираҳои асосии бино, толори маҷлисгоҳ ва даромадгоҳи асосӣ | тибқи санади корношоямӣ | | 14.05.2012 соати 10.00 |
| 1300/3-271 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №26, ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 10.30 |
| 1301/3-272 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмиру барқарорсозии боми таваққуфгоҳи мошинҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 11.00 |
| 1302/3-273 | Кӯдакистони №2, шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 11.30 |
| 1303/3-274 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири биноҳо, иншоотҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 25.05.2012 соати 9.00 |
| 1304/3-275 | Муассисаи давлатии Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои сехи автомобил | тибқи санади нуқсонӣ | | 25.05.2012 соати 9.30 |
| 1305/3-276 | Муассисаи давлатии истироҳатгоҳи маърифатии кӯдакону наврасони «Чангоб»-и ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири биноҳо, қисми хобгоҳ, ҳавз, барқгузаронӣ ва обгузар | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 14.00 |
| 1306/3-277 | Мактаби миёнаи №58, ноҳияи Фирдавсии ш.Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии боми мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 14.30 |
| 1307/3-278 | Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири боми хобгоҳи донишкада | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 15.00 |
| 1308/3-279 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Харидории марказҳои маълумотҷамъкунӣ барои таъмини шиносномаҳои хориҷии биометрӣ | адад | 36 | 25.05.2012 соати 10.00 |
| 1309/3-280 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №50, ноҳияи Синои ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.05.2012 соати 15.30 |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ТАСҲЕҲ

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти №1238/1-560, 1228/3-247, ки дар шумораи «Садои мардум» аз 27 апрели соли 2012 таҳти №52-53 (2879-2880) нашр шудааст, ба ҷойи 21 майи соли 2012, сана ва вақти кушодани лифофаҳо 8 майи соли 2012 хонда шавад.

## УРОЛИЗИН (ғурӯшаҳо) ҚУМУ НАМАКҲОРО РЕЗОНД




Беш аз даҳ сол аст, ки аз дарди гурдаҳо азоб мекашидам. Ҳар дафъа доруву давои навро истифода мебурдам. Дар тибби мардумӣ ягон доруву давое намондааст, ки ман дар борааш маълумот надошта бошам. Бисёр чизҳоеро, ки дастрас намудам, санҷидам. Баъзан ҳолам муддате беҳ мегашту дард боз пайдо мешуд. Зеро дар гурдаам намак ҷамъ гардида, қум ҳам пайдо шуда буд. Пизишкон чанд маротиба маро ҷарроҳӣ карданӣ буданд, вале ман розӣ намешудам. Кори дуруст ҳам кардам.

Тирамоҳ боз дард авҷ гирифту ҳамсоям барои табобат давои наверо тавсия намуд. Он ғурӯшаҳои «Уролизин» буд. Ин дору бо усули нави умумиҷаҳонӣ тайёр шуда, ба ҳама гуна бемориҳои гурдаву пешобдон таъсирбахш будааст. Дар ҳақиқат, маслиҳати ҳамсоям маро аз дардҳо раҳойӣ бахшид.

Тӯли як моҳ ман худро бо ин даво табобат кардам. Рӯзе се маротиба як қошуқча аз он истеъмол менамудам. Беҳуда ин доруро ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил накарда будаанд. Баъди табобат ман худро тамоман дигар эҳсос кардам. Вале ба эҳсосоти хеш бовар накарда, ба муоинаи духтури шиносам рафтам. Духтур ҳам баъди муоина ба ҳайрат афтод. Қуму намак хеле кам шудааст. Духтур таъкид намуд, ки табобатро бо ғурӯшаҳои «Уролизин» идома диҳам. Ҳоло ман манфиатҳои дигари ин даворо низ ҳис кардаам. Варами дасту пойҳо ҳам бартараф гардид. Ба дигарон низ тавсия медиҳам, ки сангҳояшон калон набошанд, бе ягон тарсу ҳарос аз «Уролизин» истифода баранд. Танҳо барои гирифторони бемории қанд истеъмоли «Уролизин» ғурӯшаҳо манъ аст.

***Ҷ.ҚУРБОНЗОДА, сокини пойтахт***

***Аз доруxонаҳо харидорӣ намоед.***
***Телефон: 985-10-55-05***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Шаҳодатномаи нафақагирии силсилаи АГ №056-и гумшуда, ки онро Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 ба Шарипов Зафар Самарович додааст, эътибор надорад.
- Мӯҳри гумшудаи гӯруҳи Хадамоти давлатии оташфишонии ноҳияи Тоҷикобод эътибор надорад.
- Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро Шӯъбаи шиносномадиҳии ШКД-и якуми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи гузаргоҳи сеюми кӯчаи Ломоносов (ҳоло Ҳувайдуллоев), бинои 4, ҳуҷраи 52-и ноҳияи Сино соли 1999 ба Холбобоева Ибодат Сафаровна додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии гумшудаи таҳти рақами 53622, ки онро КФТББ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи гузаргоҳи сеюми кӯчаи Ломоносов (ҳоло Ҳувайдуллоев) бинои 4, ҳуҷраи 52-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 22 декабри соли 1999 ба Холбобоева Ибодат Сафаровна додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи таҳти феҳрасти №8Д-5885, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе бо суроғаи гузаргоҳи сеюми кӯчаи Ломоносов (ҳоло Ҳувайдуллоев) бинои 4, ҳуҷраи 52-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28 декабри соли 1999 ба Холбобоева Ибодат Сафаровна додааст, эътибор надорад.
- Аттестати силсилаи А № 320482-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1 шаҳраки Роғун соли 1991 ба Шафиев Ҷамшед Шамсуддинович додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии №306-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Шаҳринав 18 марти соли 2010 бо суроғаи ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Боғистон, хонаи 11, ҳуҷраи 9 ба Турсунов Худойбердӣ Фахриевич додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии №08011-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2008 ба Орзуев Муҳсин Одинаевич додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии № 777 аз 23 майи соли 1986 ва Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ) бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Жданов (ҳозира Сомон) ба Саидов Тағоймурод додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми №33091700-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №97-и ноҳияи Сино соли 1992 ба Сайфиддинова Муслима Аҳмадовна додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи қарзи басташудаи (нусхаи аслӣ) таҳти феҳрасти 1 Г-183-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат 30 апрели соли 2009 ба Бегов Эраҷ Файзалиевич ва Ҷалилова Маҳтоб Худойдодовна додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

- Шаҳрванд Бобоназаров Одилҷон Мардонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0020067 бо РЯМ 0930005707 ва РМА 095377002 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 10 декабри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.
- Шаҳрванд Юсупов Баҳром Садикжонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0146810 бо РЯМ 0430063545 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 21 октябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- Шаҳрванд Раҷабов Бахтиёр Сайдалиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0123525 бо РЯМ 0230020735 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сомонӣ 15 сентябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- Шаҳрванд Подчаева Мунавварxон Саидовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0202763 бо РЯМ 0430106655 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 6 марти соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳиддин Кабиров нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва пайвандонаш сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 4 майи соли 2012, соати 19.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26646 нусха

Навбатдори шумора
Б. Каримов

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова